***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Муродова Парвина Бобоҷоновна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.***

Ҷойи шубҳае нест, ки забони тоҷикӣ дар гурӯҳи забонҳои эронӣ яке аз забонҳои пурғановат ва қадимаи оилаи забонҳои эронӣ ба шумор рафта, дорои таркиби луғавии бою ғанӣ ва низоми устувори дастурии хеш мебошад. Олимону донишмандон, забоншиносону истилоҳшиносони ватаниву хориҷӣ дар таҳқиқу баррасии вижагиҳои маъноиву сохтории истилоҳоти соҳаҳои мухталифи илм, алалхусус истилоҳоти соҳаи ҳарбӣ таҳқиқоти зиёде анҷом дода бошанд ҳам, вале то ҳанӯз таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ дар шакли рисолаи илмии алоҳида рӯйи кор наомадааст. Бо дарназардошти чунин масъалаи муҳим омӯзиши истилоҳоти ҳарбӣ, шарҳу тавзеҳи забоншиносии истилоҳоти соҳаи мазкур, таҳлили решашиносии мафҳуми баъзе аз истилоҳоти бостонии форсии тоҷикӣ дар соҳаи қувваҳои мусаллаҳ дар замони Истиқлол аз ҳама бештар диққати забоншиносони тоҷикро ба худ ҷалб намуд.

Таҳлилу баррасии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ маҳсуб дониста шуда, таваҷҷуҳи олимону донишмандони соҳаро ба худ ҷалб намуда, аз тамоми аҳли илму адаби тоҷик даъват ба амал овардааст, ки дар ҳаллу фасл намудани масоили истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносии муосир муносибати ҷиддӣ намоянд. Доир ба мавзуи мазкур ҳарчанд мақолаҳо ва корҳои алоҳидае рӯйи кор омада бошанд ҳам, вале вижагиҳои фарққунандаи истилоҳоти соҳаи ҳарбӣ, таҳлили сохторӣ-маъноӣ, таҳлили решашиносии мафҳуми баъзе аз истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ то ҳанӯз мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор дода нашудааст.

Бо дарназардошти чунин масъала кори таҳқиқии Муродова Парвина Бобоҷонова дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ)» дар забоншиносии муосир мавзуи муҳим ва саривақтӣ ба шумор рафта, барои дақиқу равшан намудани паҳлуҳои то ҳол норавшани ин бахши истилоҳот мусоидат менамояд.

Аз муҳтавои автореферат маълум мешавад, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйихатти адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфта, аз 178 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии таҳлил ва омӯзиши муқоисавии истилоҳоти соҳаи ҳарбӣ дар забонҳои гуногунсохтор» ном дошта, аз ҳафт зербоб иборат мебошад. Дар зербобҳои боби аввали диссертатсия масъалаҳои мухталифи асосҳои назариявии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, шарҳи мафҳуми истилоҳ, истилоҳшиносӣ дар сарчашмаҳои забоншиносӣ, омӯзиши назарияҳои истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносии тоҷик, назарияи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносии рус, назарияи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносии муосири тоҷик, аз таърихи омӯзиши истилоҳоти ҳарбӣ дар забони тоҷикӣ, аз таърихи омӯзиши истилоҳоти ҳарбӣ дар забони англисӣ мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор дода шудаанд.

Муваффақияти диссертант дар таҳқиқи боби якум дар он аст, ки мафҳум ва маънии истилоҳ ва истилоҳшиносиро дар сарчашмаҳои забоншиносии тоҷик, дар забоншиносии муосири тоҷик ва забоншиносии рус дақиқу равшан намуда, умумиятҳо ва фикру андешаҳои фарққунандаи онҳоро дар муқоисаи забонҳои тоҷикиву англисӣ бо далелҳои илмӣ нишон додааст.

Боби дуюми диссертатсия «Шарҳу тафсири маъноии истилоҳоти ҳарбӣ дар луғатномаҳои тафсирии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, аз нуҳ зербоб иборат аст.

Дар зербобҳои якум, дуюм ва сеюми боби дуюми диссертатсия масъалаҳои мухталифи роҳу усулҳои истилоҳсозӣ ва иборасозӣ, рушду инкишоф ва ташаккули истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таҳқиқи истилоҳоти сода дар забони тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар зербобҳои чорум, панҷум ва шашуми диссертатсия мафҳум ва маънии истилоҳоти сохта, мураккаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ шарҳу тавзеҳ дода шудааст.

Дар зербобҳои ҳафтум, ҳаштум ва нуҳуми боби дуюми диссертатсия ибора-истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври возеҳу равшан таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Диссертант тавонистааст, ки тамоми истилоҳоти гирдовардаи хешро аз нигоҳи сохторӣ тасниф намуда, ҳар кадоме аз онҳоро аз нуктаи назари оморӣ дақиқу равшан намудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Шарҳу тавзеҳи этимологии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ном дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби сеюми диссертатсия ба таҳқиқи этимологии истилоҳоти ҳарбӣ дар забони тоҷикӣ бахшида шуда, масоили мухталифи истилоҳоти аслии ҳарбӣ дар забони тоҷикӣ, истилоҳоти ҳарбии арабӣ, истилоҳоти ҳарбии русӣ, истилоҳоти харбии лотинӣ, истилоҳоти ҳарбии юнонӣ, истилоҳоти ҳарбии фаронсавӣ, истилоҳоти ҳарбии олмонӣ, истилоҳоти ҳарбии англисиро дар забони тоҷикӣ мавриди таҳлил ва омӯзиши амиқ қарор додааст.

Дар зербоби дуюми боби сеюм, ки панҷ зерфаслро фарогир мебошад, масоили истилоҳоти аслии ҳарбӣ дар забони англисӣ, истилоҳоти ҳарбии лотинӣ, истилоҳоти ҳарбии юнонӣ, истилоҳоти харбии фаронсавӣ, истилоҳоти ҳарбии олмонӣ дар забони англисӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Аз таҳлилу баррасии кори диссертатсионии Муродова Парвина Бобоҷоновна маълум гардид, ки гарчанде дар забоншиносии тоҷик ва англис корҳои илмӣ доир ба мавзуи мазкур анҷом дода шуда бошанд ҳам, вале ба сифати таҳқиқоти алоҳида роҷеъ ба давраҳои ташаккули истилоҳоти ҳарбӣ дар заминаи луғатномаҳои ватаниву хориҷӣ кори мазкур аҳаммияти хосса дорад.

Дар автореферати диссертатсия дар баробари муваффақиятҳо баъзе камбудиву нуқсонҳои ҷузъӣ низ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор аст.

1. Дар мавриди шарҳу тавзеҳи маънии калимаи «истилоҳ» ва «истилоҳшиносӣ» диссертант гоҳо ба такрори маънӣ роҳ додааст.

2. Дар бахши омӯзиши назарияи истилоҳ аз муҳаққиқони англис камтар ёдоварӣ шудааст.

3. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат, аз ҷумла дар саҳифаҳои 6, 9, 14, 19 ғалатҳои имлоӣ роҳ ёфтаанд.

Эродҳои фавқуззикр хусусияти ҷузъӣ дошта, ба арзиши илмии автореферат халал ворид намесозанд ва мо онро метавонем ҳамчун кори илмии баанҷомрасида эътироф намоем.

Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршудаи унвонҷӯ мазмун ва муҳтавои корро комилан инъикос менамоянд.

Мавзуи таҳқиқшаванда ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои пажуҳишие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ муқаррар шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Бинобар ин, автореферати диссертатсияи Муродова Парвина Бобоҷоновна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ)» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарриз:**

доктори илмҳои филологӣ, мудири
кафедраи забонҳои Донишкадаи
тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи С. Раҳимов — Шафоатов Азал Нусратович

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Ҳисор, ҷ.д. Мирзо-Ризо, х. 312.
Телефон: (+992) 985-07-44-19.
E-mail: mehrpaivand@inbox.ru
26-уми феврали соли 2025.

Имзои А.Н. Шафоатовро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва хуқуқи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов — Шерализода Заробиддин Шералӣ

Суроға: 734053, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, маҳаллаи Лучоб, 53.
Телефон: (+992) 37-224-73-77;
факс: (+992) 37-224-56-87.
Сомонаи расмӣ: dtjt.tj
26-уми феврали соли 2025.